**Ба Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақризи**
**доктори илмҳои фалсафа Қаҳҳоров Ғ.Ғ. ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Ифротгароии динӣ ҳамчун усули ғайриқонунии муборизаҳои иҷтимоию сиёсӣ аз ҷониби субъектҳои гуногуни дохилию беруна истифода бурда мешавад. Онро, пеш аз ҳама, неруҳои иҷтимоие истифода мекунанд, ки мақсадашон бо роҳи зӯроварӣ ва ғайриқонунӣ ғасб намудани ҳокимият ва ё тағйир додани сохти конститутсионии давлат аст. Инчунин ифротгароии диниро барои ноором кардани ҷомеа, ё зери фишор қарор додани намояндагони дину мазҳабҳои дигар истифода мекунанд. Истифодаи ифротгароии динӣ ва идеологияи экстремистиро имрӯзҳо аз ҳама бештар дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ва ифротгаро мушоҳида намудан мумкин аст. Бинобар ин, ҳама гуна масъалаҳои марбут ба ифротгароии динӣ, ки тамоюлоти оштинопазири ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд, дар илмҳои фалсафӣ, бахусус дар фалсафаи иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа бо ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Тӯли ду даҳсолаи охир пешгирии ҳама гуна зуҳуроти ифротгароӣ, бахусус муқовимат бо ифротгароии динӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллии ҳар як кишварро ташкил медиҳад. Зеро дар ин муддат фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз сатҳи миллӣ ба сатҳи минтақавию байналмилалӣ баромада, на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба амнияти минтақавию байналмилалӣ таҳдид намуда истодааст. Бо мақсади мубориза бо ифротгароии динӣ, ки тӯли солҳои охир хусусияти байналмилалӣ касб намудаанд, ҳатто давлатҳо дар низоми ҳамкориҳои байналмилалии худ ва дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи худ дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ муттаҳид гардида, низоми амнияти дастаҷамъиро

ташаккул медиҳанд. Гузашта аз ин, агар солҳои қаблӣ чунин тамоюлоти носолим ва низоангез хусусияти объективӣ дошта бошанд, солҳои охир онҳоро ҳадафмандона маблағгузорӣ ва пуштибонӣ менамоянд. Ғайр аз ин, дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ боиси ба амал баровардани ислоҳоти соҳаҳо ва қабули дастовардҳои нави илму техника мегарданд. Аз чунин вазъият баъзе кишварҳои исломии Шарқ нороҳат гардида, барои ҳифзи фарҳанги исломӣ бо пешрафти илмию технологии замони муосир муқовимат менамоянд. Дар ин гуна равандҳои оштинопазир давлатҳои тозаистиқлол ва рӯ ба тараққӣ зери фишори таҳдиду хатари ифротгароии динӣ қарор мегиранд. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар он ифода меёбад, ки дар шароити давлатдории навини Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз таҳдидҳои воқеии ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва ҷамъиятии кишварро хавфу хатари ифротгароии динӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб бевосита ба масъалаҳои гуногуни зуҳури ифротгароӣ дар Тоҷикистон ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани он бахшида шудааст. Воқеан ҳам, тӯли ду даҳсолаи охир ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистон ғояҳои иртиҷоӣ ва тундгароиро паҳн намуда, ба ин васила ҷавононро ба сафҳои худ шомил месозанд. Аллакай чанде аз ҷавонон ба доми чунин ҳаракатҳои тундгаро афтода, рафтори ифротгароӣ зоҳир намудаанд. Бо мақсади пешгирӣ намудани чунин тамоюлот зуҳуроти ифротгароии динӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи доимӣ ниёз дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар сатҳи зарурӣ асоснок гардидаанд. Асоснокии нуктаҳои илмии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, бо методологияи таҳқиқот, ки дар сохтори мантиқии диссертатсия мушоҳида мегардад, инчунин ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ифода намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, мукаммал будани нуктаҳои илмӣ бо адабиёти истифодашуда ва ҳуҷҷатҳои таҳлилгардида асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур барои муайян намудани зарурияти мубориза бо ифротгароии динӣ зиёда аз 245 адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии боэътимод мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон муаллиф барои нишон додани муҳтавои таҳдиду хатари ифротгароии динӣ қонунҳои соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсии расмиро таҳлил намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот бевосита аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум, моҳият, хусусият ва сарчашмаҳои пайдоиши ифротгароии динӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд; дар заминаи омӯзиши зиддиятҳои идеологӣ ва мафкуравӣ ҷанбаҳои ғоявии ташаккулёбии ифротгароии динӣ таҳқиқ гардида, дар доираи методологияи фалсафаи иҷтимоӣ хусусиятҳои муҳимми ин масъала ошкор карда шудаанд; шаклҳои зоҳиршавии ифротгароӣ таҳлил гардида, вобаста ба нишонаҳои хоси онҳо гурӯҳбандӣ гардидаанд ва дар асоси чунин масъалагузорӣ хавфу хатари ифротгароӣ нишон дода

шудааст. Яке аз паҳлуҳои муҳимми таҳқиқотро омӯзиши роҳу усулҳои мубориза бо ифротгароӣ ташкил медиҳад. Дар диссертатсияи мазкур ин масъала бо диди нав таҳлил гардида, роҳу усулҳои пешгирии ифротгароии динӣ ба таври маҷмӯавӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии мубориза бо ифротгароии динӣ возеҳу равшан карда шудаанд; бо далелҳои раднопазир асоснок карда мешавад, ки яке аз роҳҳои муассири мубориза бо ифротгароии динӣ ба амал баровардани корҳои фарҳангӣ-маънавӣ, идеологӣ-мафкуравӣ мебошад. Зеро фаҳмондадиҳӣ имкон медиҳад, ки ҷавонон дар бораи хавфу хатари ифротгароии динӣ ва оқибатҳои ногувори ин зуҳурот маълумоти кофӣ пайдо намоянд. Барои хубтару беҳтар намудани мубориза бо ифротгароии динӣ муаллиф тавсияҳои амалии худро пешниҳод намудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар боби аввали диссертатсия, ки фарогири се зербоб мебошад, асосҳои назариявию методологии сатҳи таҳқиқи ифротгароии диниро дар низоми донишҳои муосир мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар заминаи таҳлилу омӯзиши назарияҳои илмии замони муосир моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии диниро нишон дода, шаклҳои зоҳиршавӣ, сабабҳои пайдоиш ва тавсеаи онро муайян кардааст. Дар боби мазкур муаллиф ба таърихи пайдоиши ифротгароии динӣ ва тағйирёбии шакли зоҳиршавии он дар марҳилаҳои таърихӣ диққат дода, хусусиятҳои навини онро дар шароити имрӯза муайян намудааст. Сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ яке аз масъалаҳое мебошанд, ки дар зербоби дуюми боби якум ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Хулосаҳои муаллиф дар ин қисми таҳқиқот эътимоднок маҳсуб меёбанд. Зеро дар рафти баррасии масъалаҳои ҷудогона адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад истифода бурда шудаанд. Инчунин дар зербоби сеюми боби якум низ омӯзиш ва таҳлилу баррасии ифротгароии динӣ идома дода шуда, яке аз паҳлуҳои муҳими ин масъала, яъне мундариҷаи ғоявии ифротгароӣ ва дар заминаи он ба амал омадани ҷангҳои идеологӣ нишон дода шудааст. Воқеан ҳам идеологияи ифротгароии динӣ ҷавҳари фаъолиятҳои экстремистиро ташкил медиҳанд ва тавассути ғояҳои ифротгароӣ афкори ҷамъиятӣ ва зеҳну шуури ҷавонон зери таъсири ҳуҷумҳои идеологӣ қарор мегиранд.

Мубориза бо ифротгароии динӣ ва пешомади он дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ дар боби дуюми диссертатсия таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф дар ин бахши рисола хавфу хатари ифротгароии динӣ, таъсири он ба равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа, зери таъсири ифротгароии динӣ вайрон шудани муносибатҳои ҷамъиятиро таҳқиқ намуда, дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқот роҳу усулҳои мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро пешниҳод кардааст. Ба андешаи муаллиф, дар шароити муосир ифротгароии динӣ ва намудҳои мухталифи он ҳамчун зуҳуроти паҳнгаштаи иҷтимоию сиёсӣ, дар заминаи ихтилофоти мухталифи дар ҷомеа мавҷудбуда ва марбут ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Сабаби дигари паҳншавии ифротгароии диниро муаллиф дар низоъҳои мусаллаҳонаи Шарқи Наздик мебинад. Бо

назардошти омилҳои мазкур дар бахши охири таҳқиқот хавфу хатари ифротгароии динӣ ба ҷомеаи Тоҷикистон муайян гардида, роҳу усулҳои пешгирӣ намудани онҳо низ нишон дода мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф бо методҳои истифодашуда ва методологияи таҳқиқот, бо маводи таҳлилгардида, адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда ва инчунин раднопазир будани мубрамияти мавзуъ асоснок карда мешавад. Адабиёти аз ҷониби муаллиф истифодашуда бо мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Методҳои илмии таҳқиқот низ дар илмҳои фалсафӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Хулосаҳои муаллиф дар асоси сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, аз ҷумла адабиёти илмӣ, маводи эмпирикӣ, воқеаву ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба даст омадаанд. Тавсияҳои амалие, ки барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мегарданд, барои ҳалли масъалаҳои мушаххас ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ифротгароии динӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Маводи диссертатсия дар раванди таълими курсҳои махсус, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ ва амалияи ҷамъиятӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии стратегияҳои мубориза бо ифротгароӣ муҳим ба назар мерасанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи ифротгароии динӣ, инчунин пешгирии таҳдиду хатарҳои ин зуҳурот хеле муҳим мебошанд. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла дар фаъолияти Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ифротгароии динӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Дар хулосаи диссертатсия зимни натиҷагирии таҳқиқот тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии натиҷаҳои асосии диссертатсия таҳия гардидаанд, ки он барои пешгирии зуҳуроти ифротгароии динӣ мусоидат менамоянд. Тавсияҳои амалии муаллиф дар 9 банд таҳия гардида, масъалаҳои ҷудогонаи ҳалталаберо, ки метавонанд боиси паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ ва тавсеаи ифротгароии динӣ шаванд, дар худ фаро мегирад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ муаллиф 4 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Инчунин доир ба мавзуи таҳқиқотӣ довталаби дарёфти дараҷаи

илмӣ дар панҷ конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дарҷ гардидаанд ва ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

Дар таҳқиқоти анҷомдодаи Муллоботур Муллобаҳодур инчунин баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

1. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти худ роҳу усулҳои пешгирӣ намудан ва мубориза бурдан бо ифротгароии диниро нишон додааст. Дар баробари ин, хуб мешуд, ки ба масъалаи роҳу усулҳои пешбурди фаъолияти ифротгароӣ низ таваҷҷуҳи бештар медод. Омӯзиши бештари ин масъала имкон медиҳад, ки самаранокии мубориза бо ифротгароии динӣ боз ҳам хубтар карда шавад.

2. Дар таҳқиқоти довталаб агар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати пешгирии таъсири ифротгароии динӣ омӯхта мешуд, ҷанбаҳои амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам хубтар мегардид.

3. Агар ба омӯзиши созмонҳои экстремистӣ як зербоби алоҳида бахшида мешуд, хусусиятҳои муҳимтарини ифротгароии динӣ боз ҳам васеътар инъикос мегардид. Зеро паҳншавии ғояҳои ифротгароии динӣ ва идеологияи иртиҷоию тундгароӣ маҳз дар фаъолияти чунин созмонҳо ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои номбаргардида ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд. Зеро он мақсаду вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида.** Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи бандҳои пешбинишуда мавҷуданд, номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда тибқи муқаррароти расмӣ таҳия шудаанд. Матни диссертатсия бо риояи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дар бар мегирад. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи кишвар чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф инъикос гардидаанд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он бо ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд. Дар диссертатсияи барои ташхис пешниҳодшуда объект ва предмети таҳқиқот ба таври дуруст интихоб гардидаанд. Мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он возеҳу равшан мебошанд ва бо предмети таҳқиқот алоқамандии бевосита доранд. Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди муаллиф гузошта шудаанд, пурра иҷро гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи

тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, барои омӯзиши минбаъдаи омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ, пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб ва коркарди назариявию методологии он дар илмҳои фалсафии ватанӣ саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
Сарходими илмии шуъбаи
сотсиологияи Инсттути фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови АМИТ,
доктори илмҳои фалсафа
Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович ________________

Имзои Қаҳҳоров Ғ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ
Шозедов Х. ______________

13.02.24

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
**Тел: +992 937745900**